# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба рисолаи номзадии Рамазонзода Давлат Сулаймон дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ - бозикунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.2. - Назария ва методики таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ)

1. Мубрамияти мавзуи таҳқиқот дар он аст, ки он ба яке аз самтҳои калидии педагогикаи муосир - рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва мусикии кӯдакони синни томактабӣ бахшида шуда, аз нигоҳи илмӣ, иҷтимоӣ ва стратегӣ дорои аҳаммияти баланд мебошад. Зеро давраи томактабӣ ҳамчун марҳилаи ҳассос барои ташаккули қобилиятҳои равонӣ, зеҳнӣ, иродавӣ ва эстетикии кӯдак маҳсуб ёфта, ин нуктаҳо дар диссертатсия асоснок карда шудааст. Маълум шудааст, ки мавқеъ ба назарияҳои муосири психологияи рушд ва педагогикаи синнусолӣ мувофиқ буда, мусиқиро ҳамчун воситаи пуриқтидори рушди эҳсос, хаёл, хотира ва тафаккур муаррифӣ мекунад. Санъати мусиқӣ дар диссертатсия на танҳо чун як навъи фаъолият, балки чун муҳити ташаккули шахсият дониста шудааст.

Афзалияти дигар дар он аст, ки мубрамияти мавзӯъ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Қонуни “Дар бораи маориф”, Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ ва Барномаи “Рангинкамон” асоснок гардидааст. Ин робитаи мустаҳками мавзуи таҳқиқот бо сиёсати давлатии соҳаи маориф нишон медиҳад, ки масъалаи рушди қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодӣ на танҳо илмӣ, балки самти афзалиятнок низ ҳисобида мешавад.

Таъкид мешавад, ки синни 5-6 -солагӣ ҳамчун давраи ҳассоси рушди қобилиятҳои мусиқӣ ва завқи бадеии кӯдак баромад мекунад. Маҳз дар ин марҳилаи синнусолӣ омодагии психофизиологӣ ва маърифатии кӯдак барои дарк, фарққунӣ ва азхудкунии хусусиятҳои асосии мусиқӣ дар сатҳи баланд қарор дорад. Таъмини муҳити мақсадноки мусиқӣ-эстетикӣ дар ин давра барои ташаккули устувори қобилиятҳои эҷодӣ ва завқи зебоипарастии кӯдак аҳаммияти калидӣ дорад, зеро маҳз дар ҳамин марҳила заминаи рушди минбаъдаи фаъолияти эҷодӣ ва мутобиқшавии бомуваффақияти кӯдак ба муҳити таълимӣ гузошта мешавад.

Диссертатсия тибқи талаботи Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба анҷом дода шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи кафедраи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 20.11.2025, №7).

Дар хулосаи кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсия баҳои воқеӣ ва мусбат дода шудааст.

2. Диссертатсия ҷавобгӯи талаботи бандҳои 31, 33 ва 60 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мебошад.

Аҳамияти илмии мавзуи таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар заминаи таҳлили мукаммали таҳқиқоти илмии муосир ва заминаҳои барномавӣ-методии фаъолияти муассисаҳои томактабӣ низоми ташаккул ва инкишофи қобилиятҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдакон асоснок карда шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот имконият медиҳанд, ки фаъолияти роҳбарони мусиқӣ ва мураббияҳо бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии тарбиятгирандагон ба тарзи илмӣ ва мақсаднок ба роҳ монда шавад. Тавсияҳои психологӣ-педагогии таҳияшуда ба ғанисозии назарияи психологияи бачагона, педагогикаи томактабӣ ва методикаи тарбияи мусиқии кӯдакон мусоидат намуда, барои такмили мазмун ва усулҳои ташкили фаъолияти мусиқӣ-эҷодӣ дар низоми таҳсилоти томактабӣ аҳаммияти назариявии устувор доранд.

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Рамазонзода Давлат Сулаймон дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ - бозикунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.2. - Назария ва методики таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ), аз ҷумла ба банди 1 – назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактадӣ ва банди 11 коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илми асосноки тарбия ва таълими кӯдакони мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ, ҳамчунин ба Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дараҷаи илмӣ дода мешавад (қарори Раёсати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017, №5/2 мутобиқат мекунад.

3. Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда бо омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаи мавриди таҳлил, татбиқи пайгиронаи асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқот, инчунин истифодаи маҷмӯи усулҳое, ки ба ҳадаф, вазифаҳо ва фарзияи таҳқиқот мутобиқат доранд, асоснок карда шудаанд. Эътимоднокии натиҷаҳо бо роҳи санҷиши таҷрибавӣ-озмоишӣ, татбиқи онҳо дар амалияи як қатор муассисаҳои

таълимӣ ва таҳлили натиҷаҳои бадастомада таъмин гардидааст. Ғайр аз ин, такя ба пойгоҳи кофии сарчашмаҳои илмӣ имкон медиҳад, ки хулосаҳои баровардашуда ҳамчун асоснок, боэътимод ва дорои арзиши назариявию амалӣ арзёбӣ шаванд.

Шумораи интишороти довталаб дар 2 дастури таълимӣ, 23 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла се мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маорифи Федератсияи Россия эътирофшуда, 17 мақола дар маводи конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ рӯи чоп дидаанд.

Маводи нашршуда дар нашрияҳои тавсияшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст.

4. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

Диссертатсия ба талаботи банди 53 Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст. Он аз тарафи муаллиф мустакилона навишта шуда, натиҷаҳои нави илмӣ, нуктаҳои барои ҳимоя пешниходшударо дарбар мегирад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад.

5. Дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи мақсадноки заминаҳои методологию назариявии масъала, интихоби дурусти усулҳои назариявӣ ва эмпирикӣ, мутобиқати онҳо ба ҳадаф, вазифа ва фарзияи илмӣ, инчунин бо таҳлилу ҷамъбасти таҷрибаи амалии муассисаҳои томактабӣ таъмин гардидааст. Санҷиши таҷрибавӣ-озмоишии фарзияҳо, таҳлили натиҷаҳои корҳои амалӣ ва татбиқи онҳо дар муҳити воқеии педагогӣ боэътимод будани хулосаҳои баровардашударо тасдиқ менамояд, дар ҳоле ки сатҳи баланди омодагии тахассусӣ ва таҷрибаи касбии муҳаққиқ ба арзиши илмии натиҷаҳо такягоҳи иловагиро фароҳам меорад.

6. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиониро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Рамазонзода Давлат Сулаймонро тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Рамазонзода Давлат Сулаймон дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ – бозикунӣ» барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар: **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** таъин карда шавад.

в) ба ҳайси муқарризони расмӣ: **Сабурӣ Хайрулло Мирзозода** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ва **Акрамова Моҳрухсор Ҳамидҷоновна** - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Институти сайёҳии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон таъин карда шаванд.

г) барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат ва паҳлуҳои дигари арзёбии диссертатсия тавсия дода мешавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Рамазонзода Давлат Сулаймон дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ - бозикунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.2. - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) таҳлилу баррасӣ намуда,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Рамазонзода Давлат Сулаймон дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ - бозикунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.2. - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) ба ҳимоя иҷозат дода шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.3.2. - Назария ва методикаи таълиму тарбияи томактабӣ (педагогикаи томактабӣ) ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниход менамояд:

**- Сабурӣ Хайрулло Мирзозода** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”;

**- Акрамова Моҳрухсор Ҳамидҷоновна** - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Институти сайёҳии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон таъин карда шаванд.

Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** таъин карда шавад.

3. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ — Гулмадов Ф.

Аъзоёни комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Шарифиён М.Х.
номзади илмҳои педагогӣ — Лутфуллоева П.М.

17.01.2026

*Имзои Гулмдов Ф., Шарифиён М.Х., Лутфуллоева П.М.-ро тасдиқ мекунам.*

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон — Ҳакимова Х.С.